«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илми филология, профессор
_____________ Гулназарзода Ж. Б.
«18» майи соли 2024

Тақризи

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич дар мавзуи «Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич дар мавзуи «Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ» ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

Адабиёти тоҷик дар ҳамаи давру замонҳо ифодакунандаи ормонҳои миллӣ, шебу фарозҳои рӯзгори мардум ва ба таври куллӣ, оинаи тамомнамои зиндагии иҷтимоию маънавии халқи тоҷик дар дарозои таърих мебошад. Замони мо, ки даврони озодӣ ва истиқлоли комил ба ҳисоб меравад, адабиёт рисолати азалӣ ва асосии худро беҳтару хубтар иҷро мекунад. Имрӯз шоирону нависандагони тоҷик бо камоли ифтихору эҳсоси баланди миллӣ дастовардҳои халқи тоҷикро дар тӯли солҳои истиқлол ситоишу тараннум ва тасвиру тавсиф мекунанд. Яке аз шоироне, ки дар ин радиф пешгом аст, Шоири халқии Тоҷикистон Толиб Карими Озарахш мебошад. Вай дар майдони адабиёт бо забони пурғановат, сабки баёни ба худ хос, тозагӯйиву навпардозиҳои ҷолибаш таваҷҷуҳи аҳли назарро на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар кулли қаламрави забони форсии тоҷикӣ ба худ ҷалб намудааст. Илова

бар ин, намунаҳои ашъори шоир ба забонҳои русӣ, англисӣ, фаронсавӣ, узбекӣ ва ғайра борҳо тарҷума ва нашр гардидааст, ки он далели шуҳрати бештари ашъори Озарахш мебошад.

Ҳамаи ин, дар маҷмуъ муҳиммият ва мубрамияти мавзуи диссертатсияи номзадии Ҷумъаев Ҷумъабойро таъйид менамояд. Чунки то имрӯз дар бораи ашъори Озарахш, ба истиснои тақризу мақолаҳои ҷудогона, таҳқиқоти фарогиру комили монографӣ ба вуҷуд наомадааст.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.**

Мубрамияти мавзуъ, зарурат ва аҳаммияти таҳқиқи он, собиқаи таҳқиқ, вазифаҳои асосии таҳқиқ, навгонии таҳқиқ, аҳаммияти назарӣ ва амалии он, сохтори умумии кор, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаву натиҷагириҳои диссертант саҳм ва назари таҳқиқии ӯро дар робита ба мавзуи таҳқиқ ифода мекунад. Инчунин, саҳми шахсии муаллиф дар омӯзиши назария ва консепсияҳои маъруфи адабиётшиносии муосир, корбасти онҳо ҳангоми таҳқиқи мавзуи диссертатсия, омода кардани гузоришу мақолаҳои илмӣ ва танзими маводи таҳқиқӣ низ зоҳир мешавад. Диссертант ҳангоми омӯзиши мавзуъ аз методҳои маъруфу босамари илмӣ истифода карда, ҳангоми муҳокимаронииҳояш, асосан, ба меъёрҳои назарию консептуалии мактабҳо ва равандҳои муосири илми адабиётшиносӣ такя мекунад. Асосҳои методологии таҳқиқоти мазкурро ягонагии шаклу мазмун, баррасии иртиботи устувору мантиқии анъана ва навоварӣ, истифодаи босамари усулҳои таърихиву муқоисавӣ, оморӣ, шарҳи осори адабӣ ва таҳлили жанрҳои адабӣ, таҳқиқи сохторӣ ва ғайра ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқот бо истифода аз унсурҳои номбурда зиндагиномаи шоир, масири шоирӣ ва давраҳои ташаккули шахсияти адабии Озарахш, хусусятҳои сабкӣ, жанрӣ ва ҷанбаҳои поэтикии ашъори ӯ ба таври муфассал баррасӣ мешавад.

Ба ҳамин хотир, метавон таъкид кард, ки диссертатсияи аз тарафи Ҷумъабой Ҷумъаев таълиф шуда, аз нигоҳи сохтор муназзам ва аз рӯйи тарҳ мантиқан ҷолиб мебошад. Дар бобу фаслҳои алоҳидаи он масъалаҳои мавриди назари муаллиф дар ҳамбастагии мантиқӣ ва бо масъалагузориҳои мушаххас матраҳ мешаванд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи он ҷолиб ва қобили пазириш мебошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илми дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи Ҷ. Ҷумъаев аз бахши муқаддимавӣ, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, сездаҳ фасл, се зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, китобнома ва номгӯи таълифоти илмии банашррасида фароҳам омадааст. **Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар диссертатсияи мазкур бори аввал эҷодиёти Озарахш аз нигоҳи вижагиҳои адабию ҳунарӣ ва поэтика ба таҳқиқ меояд. Дар баробари ин, зиндагиномаи шоир, марҳалаҳои асосии камолоти адабию эҷодии ӯ, нақши Озарахш дар инкишофи суннати ватанномасароӣ дар шеъри имрӯз ва тасвири масоили иҷтимоӣ дар ашъори шоир муфассал баррасӣ мегардад. Дар диссертатсия **аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқот**, пеш аз ҳама дар асосноккунии илмии андешаҳо ва хулосаҳои илмии диссертант зоҳир мешавад. Масоили марбут ба поэтикаи ашъори Озарахш бо такя ба талаботҳои назарии поэтикаи суннатӣ ва дастовардҳои муосири адабиётшиносӣ ба таҳқиқ гирифта мешавад. Аз нигоҳи амалӣ муҳтавои диссертатсияи мазкур на танҳо барои таҳқиқи минбаъдаи ашъори шоир ва муосирони ӯ муҳим аст, балки онҳо барои омӯзиши равандҳои шеър дар адабиёти тоҷики даврони истиқлол низ аз аҳаммият холӣ нестанд. Дар маҷмуъ, таҳқиқоти мазкур ҳам аз нигоҳи назарӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ барои адабиётшиносии муосири тоҷик муҳим мебошад. Чунки аз мавод ва хулосаҳою натиҷаҳои илмии таҳқиқоти мавриди назар метавон ҳангоми

таълифи таърихи адабиёти давраи истиқлол, нақди адабии муосир, таълифи китобу дастурҳои таълимӣ, тадриси таърихчаи шеъри тоҷикии замони истиқлол ва ғайра истифода кард. Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммият ва мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашма, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ муфассал ва мушаххас зикр гардидаст. Ҳамчунин, масъалаи асосии мавриди назари диссертант дар **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** ба таври масъалагузорӣ баён мегардад.

Диссертатсияи Ҷ. Ҷумъаев дорои низоми муайяну мантиқи қавӣ буда, ҳар як бобу фасл ва зерфаслҳои он байни ҳам иртиботи қавии илмӣ доранд. Чунки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни проблемаи асосии таҳқиқот баррасӣ мешаванд.

Боби аввали диссертатсия **«Зиндагиномаи Озарахш ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти муосири тоҷик»** унвон дошта, дар фаслҳои алоҳидаи он, ҳолномаи шоир, масири эҷодии ӯ, мақому ҷойгоҳаш дар адабиёти муосири тоҷик муфассал таҳқиқ мешаванд. Диссертант ба хотири ба таври илмӣ равшан намудани мақоми Озарахш дар боби мазкур тасвири ватан, зодгоҳ ва дар маҷмуъ, ашъори ватанхоҳии ӯро дар фаслҳои алоҳида маврди баҳс қарор медиҳад. Муҳаққиқ дуруст қайд менамояд: «Ватаннома»-и Озарахш бо сабку услуби нигориш ва тарзи ифода дар адабиёти замони истиқлол падидаи тозаест. Ин силсилашеърҳо саршори эҳсосу тафаккур ва бардошти шоир аз қисмати Ватан буда, нигоҳи муаллифро ба дирӯзу имрӯзи кишвар инъикос мекунад… Мутмаинем, ки ин шеърҳо ба худшиносии миллӣ ва ҳисси ватандӯстии хонандагон такон мебахшанд» (диссертатсия с. 41). Китобҳои ашъори Озарахш таҳти унвони «Аз чашмасор омадам» (1997), «Намози мусофир» (2006), «Чархболи офтоб» (2011), «Ҷӯйбори сари хирман» (2011), «Девони ишқ» (2016), «Ояндаҳо» (2019) ва «Парвона зинда аст...» (2020) аз чоп баромаданд, ки ҳар кадоме аз онҳо писанди хонандагон гардидаанд.

Яке аз бахшҳои муҳимми таҳқиқоти Ҷ. Ҷумъаев боби дуюми диссертатсияи ӯст, ки он **«Анъана ва навоварӣ дар ашъори Озарахш»** унвон дошта, шомили панҷ фасл аст. Дар ду фасли аввали ин боб диссертант дар баробари баррасии тобишҳои иҷтимоии ашъори шоир, нақшу таъсири мусиқӣ ва ҳунари овозхонии Озарахшро ба сохтори бадеӣ, зарбу оҳанги каломи шоиронаи ӯ тавзеҳ медиҳад. Воқеан, Озарахш дар баробари ҳунару истеъдоди баланди шоирӣ дорои завқ ва малакаҳои хосси дарку маърифати мусиқӣ ҳам мебошад. Ин паҳлуи хосси шахсияти адабии шоирро тавзеҳ дода, диссертант таъкид мекунад, ки ҳам ҳунари шоирӣ ва ҳам истеъдоди овозхонӣ ва мусиқидонӣ дар коргоҳи эҷодии шоир ба ҳам тазвиҷ шуда, яке дигареро мукаммалтар мегардонад. Шоир дар кулли ашёи мавриди мушоҳидааш мусиқиро эҳсос мекунад ва онро дар қолаби назм ифода менамояд. Воқеан, дар таъмини мусиқии шеъри худ, Озарахш бештар аз вожаҳои ҳамнишин, авзони равону хушоҳанг ва қофияҳову радифҳои дилангезу гӯшнавоз кор мегирад, ки ин фазилатҳои нотакрори ҳунари шоирии ӯст. Инчунин, диссертант дар фасли алоҳида таваҷҷуҳи моро ба тасвири арзишҳои миллӣ дар шеъри Озарахш ҷалб мекунад. Воқеан, Озарахш аз ибтидои фаъолияти эҷодиаш ба арзишҳо ва ормонҳои миллии халқу миллати тоҷик, ба ҳайси масоили муҳимми давраи истиқлоли кишвар мурочиат мекунад. Шоир дар ашъораш ба забони тоҷикӣ, ба ашхоси таърихӣ ва нухбагони адабиёти тоҷик, ҷашнҳои миллии Наврӯзу Меҳргон, ҷашни Истиқлол ва таърихи пурбору пурифтихори халқи тоҷик арҷу эҳтироми хоссаи шоирона қоил аст. Озарахш шоирест, ки ба арзишҳои миллӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд. Ба ҷашнҳои миллии мо, бавижа Наврӯзу Меҳргон арҷгузорӣ мекунад. Аз он изҳори қаноатмандӣ мекунад, ки ҷашни Наврӯз мақоми ҷаҳонӣ гирифтааст. Шоир ба суннатҳои қадимии миллати мо эҳтиром мегузорад. Аз нуктаи назари ӯ фарзандони барӯманд ва фарзонаи миллат, аз қабили устодон Рӯдакиву Айнӣ ва Туғралу Муъмин Қаноат, Қутбӣ

Кором ва дигарон бо осори гаронмоя ва мондагори худ шомили арзишҳои миллианд. Забони тоҷикӣ низ бо фасоҳату балоғаташ қисми таркибии арзишҳои миллӣ маҳсуб меёбад.

Диссертант навпардозиҳои шоирро ҳам дар анвои суннатии шеърӣ ва ҳам дар анвои дигари он дар ду фасли алоҳида ба таҳқиқ мегирад ва таъкид мекунад, ки Озарахш дар ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ барин жанрҳои суннатӣ навпардозиҳои ҳунармандона мекунад. Вай суннати ғазалсароии адабиёти тоҷикро пайравӣ мекунад, вале ин пайравӣ эҷодкорона ва ҳунармандона аст. Дар баробари ин, тибқи ишораи Ҷ. Ҷумъаев шеърҳои озод ва андешарезаҳои Озарахш ҳам аз лиҳози қолаби бадеӣ ва ҳам аз назари муҳтаво дар шеъри муосир падидаи тоза маҳсуб меёбад.

Дар боби сеюми диссертатсияи Ҷ. Ҷумъаев **«Сохт ва бадеияти шеъри Озарахш»** мавриди мавриди таҳқиқи муфассал қарор мегирад. Диссертант авзони шеъри Озарахш, қофия, радиф, тасвирҳои парадоксӣ, забон ва сабки баёни ӯро дар бахшҳои ҷудогонаи боби мазкур баррасӣ мекунад ва натиҷагириҳои худро дар қисмати хулосавии фаслҳо ва зерфаслҳои таҳқиқоташ ба таври мушаххас баён мекунад, ки ин шеваи баёни диссертант арзиши илмии таҳқиқоти ӯро меафзояд.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия, Озарахш дар муҳити адабии давраи Истиқлоли Тоҷикистон касби камол намуда, батадриҷ дар адабиёти муосир мавқею мақоми хоссаи худро пайдо мекунад. Вай аз ҷумлаи он шоиронест, ки ба обу хоки Тоҷикистони азиз ишқ меварзад, содиқона онро дӯст медорад ва сарояндаи соҳибҳунари ғаму шодӣ, сарсабзию шукуфоӣ ва пешрафти он мебошад. Тобишҳои иҷтимоӣ дар ашъори ӯ ҷойгоҳи хосса дорад. Вай, пеш аз ҳама ба арзишҳои миллӣ ва тасвири шоиронаи онҳо мароқи хосса дорад, ки ҳамаи ин хосси як суханвари ватандӯсту ватанпараст мебошад. Озарахш аз ҷумлаи он шоирони муосир аст, ки ҳунари забонии шеърро дуруст дарк менамояд ва дар корбурди вожаҳо хеле эҳтиёткорона амал мекунад. Забони шеъри ӯ

ғановатманд ва равон буда, таҳкурсии сабки шоиронаашро таъсис медиҳад. Шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло роҷеъ ба забони шеър таъкид намудааст, ки: «Шоири асил бояд забондонтару забоншиностар, ҳатто аз ҳар олими соҳаи забон бошад» [Насрулло, 2020, с.94]. Агар аз рӯйи ҳамин меъёр баҳогузорӣ кунем, Озарахш дар забондониву забоншиносӣ касби камол кардааст. Ӯ на танҳо дар корбурди калимаҳои мавҷуда ва маъмули забон маҳорати худро иншон медиҳад, балки ҳаракат мекунад, ки аз имконоти грамматикиву услубии забони мо низ истифода бурда, калимаҳои нави мураккабе созад, ки қобили қабул бошанд.

Ҷойи таъкид аст, ки таҳқиқоти Ҷ. Ҷумъаев дар мавриди шеъри Озарахш нахустин пажӯҳиши комилу пурдомана ва фарогири илмӣ мебошад, ки он чеҳраи адабии шоирро ба пуррагӣ равшан месозад ва ҷойгоҳи ӯро дар адабиёти муосири тоҷикӣ муайян мегардонад. Воқеан, Озарахш дар байни шоирони ҳамнаслу ҳамсолаш ҷойгоҳ ва мақоми хосси худро дорад ва ӯ дар рушди адабиёти тоҷикии замони истиқлол содиқона ва ҳунармандона заҳмат мекашад.

Дар баробари муҳассаноти мазкур дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ҳам ба назар мерасанд, ки ба назар гирифтани онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуъ, агар андешаҳои гузоришгарони ҷаласаҳои Иттифоқи нависандагон роҷеъ ба тамоилҳои инкишофи шеъри муосир, ки дар робита ба бурду бохти шеъри Озарахш ҳам фикрҳои ҷолиб баён шуда буданд, ба назар гирифта мешуд, баъзе масъалаҳои марбут ба ҳунари шоирии Озарахш боз ҳам беҳтар равшан мегардид.

2. Дар ду сархати аввали муқаддима ба ҷои тавзеҳи хусусият ва фазилату рисолатҳои адабиёти муосир бевосита мақому мавқеи Озарахш дар шеъру адаби тоҷикии давраи истиқлол баён мешуд, муҳиммияти мавзуи таҳқиқ мушаххастар мегардид.

3. Фасли аввали боби дуюм, ки роҷеъ ба ҳунари мусиқидонӣ ва овозхонии шоир аст, ба боби сеюм бурда мешуд, арзиши илмии он меафзуд.

4. Дар боби сеюм, агар масоили марбут ба вазну қофия баъд аз тавзеҳи тасвирҳои парадоксӣ ва бозёфтҳои шоиронаи Озарахш баррасӣ мегардид, таносуби баёни илмӣ ва таҳлили ҳунари адабии шоир устувортар ба назар мерасид.

5. Баёни диссертант дар фасли чоруми боби ду ва фаслҳои якуму дуюми боби се характери тавсифӣ дорад, ки онҳоро бояд бо баёни хулосаҳои илмӣ қавитар сохт.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ ҳусни таҳқиқотии мазкурро коста намегардонад ваислоҳи онҳо ҳусни илмии диссертатсияро меафзояд.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия бо автореферат, ки ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардидааст, комилан мувофиқ мебошад. Инчунин, дастовардҳои асосии илмии муҳаққик дар шаш мақолаи муаллиф, аз ҷумла чор мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода шудааст.

Аннотатсияи диссертатсия, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, моҳияти илмии таҳқиқоти мазкурро ба таври фишурда ифода мекунад.

**Мутобиқати тахассусии илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич дар мавзуи **“Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ”** таҳқиқоти комил ва бaанҷомрасидаи илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода аз 16-уми майи соли 2024, суратҷаласаи № 10 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “Тарафдор” – 18 нафар, “зид” – нест, “бетараф”- нест.

Раиси ҷаласа: номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шамсов Нурмад Сироҷович

Эксперт:
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Давлатбеков Лоло Мирзоевич

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Боев Шавкат Элмуродович

Имзоҳои н.и.ф. Н.С. Шамсов, д.и.ф. Л.М. Давлатбеков
ва н.и.ф. Ш.Э. Боевро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе,
кӯчаи Ф. Муҳаммадиев 17/6.
Телефон: (+992 37) 232-50-00;
E-mail: shamsov1960@mail.ru

16-уми майи соли 2024.